**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи унвонҷӯ Муҳаммадохирова Ҳанифамо Иброҳимовна дар мавзуи ”Хусусиятҳои мундариҷа ва ҳунарии насри Сорбон дар даврони истиқлоли Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 - Адабиётшиносӣ 10.01.01 (Адабиёти тоҷикӣ)**

Диссертатсияи Муҳаммадохирова Ҳанифамо Иброҳимовна “Хусусиятҳои мундариҷа ва ҳунарии насри Сорбон дар даврони истиқлоли Тоҷикистон” ба яке аз мавзуъҳои мубрами адабиётшиносии муосир марбут буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 - Адабиётшиносӣ (10.01.01. – Адабиёти тоҷикӣ) таълиф гардидааст.

Сорбон яке аз нависандаҳои пурмаҳсул ва навҷӯи адабиёти муосири тоҷик буда, асарҳои ӯ дар инкишофи насри тоҷикӣ ҷойгоҳи муҳимме доранд. Хосса, мавқеи вай дар рушди насри замони истиқлол хеле назаррас аст. Зеро вай ба сифати як нависандаи пешгом ва соҳибтаҷриба суннатҳои адабии худ ва насри солҳои 70-90-ро идома дод ва дар заминаи шароити созгори замони нав насрро ба жанру шаклҳои тоза такмил намуд. Ҳарчанд дар накду адабиётштносӣ дар мавриди эҷодиёти Сорбон ва осори насрии он асарҳои зиёди илмиву тадқиқотӣ рӯи кор омадаанд, вале то имрӯз масъалаи чигунагии мундариҷа ва ҳунари насри Сорбон дар даврони истиқлол, ки мавзуи пажуҳиши унвонҷӯ Муҳаммадохирова Ҳанифаморо ташкил додааст, тадқиқи илмии худро наёфтааст. Мубрам будани кори диссертатсионӣ низ дар ҳамин тоза будани муҳтаво ва хеле кам мавриди таҳқиқ қарор гирифтани он бармеояд.

Масъалаҳои назарию амалии диссертатсия дар муқаддима, се боб, нуҳ зербоб мавриди баррасӣ ва таҳлилу натиҷагирӣ қарор гирифта, он дар асос ва истифодаи сарчашмаҳо - осори адабӣ, илмӣ бо истифода аз усулҳои таҳқиқи илми муосир таълиф шудааст.

Дар муқаддима масъала аз лиҳози назарӣ, дараҷаи баррасиҳои илмӣ, усули таҳқиқ, вазифаву аҳаммияти илмиву амалии он равшан карда шудааст. Муаллиф таҳқиқи худро бар асоси хусусиятҳои жанрии осори нависандаро дар замони истиқлол гузошта, ҳамчунин онҳоро ба қадри имкон бо осори замони шӯравии ӯ муқоиса мекунад ва такомули ҷӯяндагиҳои нависандаро дар мавзуву муҳтаво ва шаклу жанр нишон медиҳад.

Дар боби аввал, ки "Вижагиҳои мавзуъ ва мундариҷаи осори Сорбон" ном дорад, муаллиф таҳқиқи бадеии мавзуъи ахлоқ, тасвири симои ҳамзамонон ва ниҳоят чеҳраи занро мавриди баррасии муфассал ва ҷиддӣ қарор медиҳад ва ба натиҷаҳои матлуб мерасад. Боби дувуми рисола "Бозтоби таърихи кишвар дар эҷодиёти Сорбон дар даврони истиқлол" ном дорад, ки дар солҳои истиқлол аз мавзуъҳои хеле муҳим будааст. Муаллиф онро дар се сатҳ: инъикоси таърихи дур, замони ҷанг бо фашизми Олмон ва воқеаҳои солҳои навадум ба таҳқиқ мекашад.

Мусаллам аст, ки ҳар як нависанда роҳу равиш, ҳунар ва сабки махсуси худро дорад ва бинобар он боби сеюми рисола низ "Вижагиҳои ҳунарии Сорбон дар даврони нав" ном дорад. Дар диссертатсия ин масъала дар вижагиҳои сабки нависанда, мавқеи тамсилу рамз ва забон дар тарзу тариқи нигориши Сорбон санҷидаву баррасӣ шуда, дар натиҷа бахудхосии нигоштаҳои вай муайян ва таъкид гардидааст. Кор бо зикри натиҷагириҳои куллии муаллиф анҷом меёбад.

Хулосаву натиҷгириҳои рисола дар заминаи осори замони истиқлоли Сорбон ва ҷойгоҳи вай дар ҷараёнги адабии сӣ соли охир ба миён омада, бо истифода аз адабиёти фаровон ва ба мавзуъ хоси адабӣ ва илмӣ таълиф шуда, гувоҳ ба доираи мутолиа, огоҳӣ аз масъала ва назари густардаи муаллиф мебошанд.

Тавсияҳо оид баистифодаи амалии натиҷаҳои дар 16 мақола, аз ҷумла 8 мақола дар нашрияҳои тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст.

Мазмун ва муҳтавои асосии диссертатсия дар гузоришу мақолаҳои илмии муҳаққиқ мунташир шудаанд. Автореферат мазмун ва муҳтавои диссертатсияро фарогир аст.

Бо дарназардошти андешаҳои фавқ, диссертатсияи унвонҷӯ Муҳаммадохирова Ҳанифамо Иброҳимоваро, ки "Хусусиятҳои мундариҷа ва ҳунарии насри Сорбон дар даврони истиқлоли Тоҷикистон" унвон гирифта, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 - Адабиётшиносӣ 10.01.01 (Адабиёти тоҷикӣ) таҳия ва тадқиқ шудааст, кори баанҷомрасида ва сазовори баррасии аҳли шурои диссертатсионӣ меҳисобам.

Ман ба сифати роҳбари илмӣ рисолаи мазкурро ба дифоъ пешниҳод менамоям.

**Роҳбари илмӣ:**
**номзади илмҳои филологӣ,**
**дотсент, ходими пешбари илмии шуъбаи**
**адабиёти муосири ИЗА ба номи**
**Рӯдакии АМИТ** **Набиев А. М.**

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**шаҳри Душанбе, хиёбони Нусратулло**
**Махсум, 105/4, утоқи 56.**
**Почтаи электронӣ: anabavi46@mail.ru**
**тел.: 935 084608**

«Имзои Набиев А. М.-ротасдиқмекунам»

**Нозири калони шуъбаи кадрҳои**
**Институти забон ва адабиёти**
**ба номи Рӯдакии АМИТ** **НарзиқуловаҲ.**
**E-mail: iza_rudaki17@mail.ru**

**«6» феврали соли 2024**